*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон*

**ТАҚРИЗ**

***ба автореферати диссертатсияи Сафаров Илҳом Нурмаҳматович дар мавзӯи: «Маблаггузории фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз***

Қайд намудан бамаврид аст, ки имрӯзҳо маҳз тавассути сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми шароитҳои зарурӣ барои ҷалби фаъолонаи сармояи хориҷӣ на танҳо ҳамчун унсури муҳимми фаъолияти иқтисодӣ, балки ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, таъмини афзоиши пай дар пай ва таҳкими мавқеи он дар фазои иқтисодии ҷаҳонӣ аҳамияти хоса пайдо карда истодааст.

Дар баромади Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 23 декабри соли 2022 чунин қайд намудаанд: "...Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ, махсусан, сармоягузории мустақим, таъмин намудани иҷрои кафолату имтиёзҳо ва чораҳои дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонӣ ва қадрдонии соҳибкорон, инчунин, рушди инфрасохтори сармоягузориву соҳибкорӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намояд" вобаста ба ин самтҳои афзалиятҳои рушди иқтисодии кишвар ҳоло нисбат ба солҳои қаблӣ бештар аз дастгирии молиявӣ вобастагӣ доранд ва ташкили самараноки механизмҳои маблағгузорӣ ва танзими дурусти онҳо имкониятҳои васеъро барои фаъолсозии равандҳои сармоягузорӣ фароҳам меорад.

Аз ин лиҳоз унвонҷӯ Сафаров Илҳом дар автореферати худ қайд намудааст, ки бахусус, барои тақвияти равандҳои сармоягузорӣ ва рушди ҳамкории сармоягузорӣ бо шарикони рушд вазифаҳои муҳими ҳар як давлат мебошад. Таъмини рушди равандҳои сармоягузорӣ ҳамчун омили

рушди иқтисодиёти миллӣ танҳо тавассути маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ бо истифода аз ҳамаи манбаъҳои дохилӣ ва беруна имконпазир аст. Фароҳам овардани муҳити мусоид пеш аз ҳама тавассути маблағгузорӣ ва ҳавасмандгардонӣ ба даст оварда мешавад ва инчунин барои пешгирии хатарҳои молиявӣ заминаи мустаҳкам ва боэътимод мегузорад. Вобаста ба ин барои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши масъалаҳои маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, ки шарти муҳимми татбиқи манфиатҳои иқтисодии кишвар мебошад, барои илми иқтисодӣ ва фаъолияти хоҷагидории кишвар аҳамияти калон дорад.

Барои татбиқи вазифаҳои стратегии инкишофи иқтисодиёти кишвар захираҳои молиявӣ маҳдуд буда, ба масъалаи беҳтарсозии равандҳои сармоягузорӣ диққати махсус дода мешавад. Барои васеъ гардонидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, инчунин, амиқтар шудани робитаҳои иқтисодию сармоягузории ба манфиати тарафайн бо давлатҳои шарик ва дигар субъектҳои бозори ҷаҳонӣ нигаронидашуда барои истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ заминаи боэътимод фароҳам месозад. Дар ин замина, дар бисёр кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо ҷиҳати ташаккули муҳити мусоиди сармоягузорӣ андешида мешаванд, ки ба таҳкими суботи молиявӣ ва таъмини амнияти иқтисодӣ равона гардидаанд.

Унвонҷӯ Сафаров Илҳом дар асоси таҳлили назариявӣ, хулосае асоснок кардааст, ки нуқтаи назари ягонаи олимони интихобшуда оид ба рушди муносибатҳои байнидавлатӣ дар самти ҷалби сармоягузорӣ, инчунин, мавҷудияти мушкилот ва роҳҳои такмили он тавсиф дода шудааст. Инчунин ҳалли масъалаи тавсеа ва таҳкими маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ, рушди равандҳои сармоягузорӣ ва такмили масъалаи баррасишаванда таҳқиқоти пурратарро талаб карда масъалаи мубрами иқтисодиёт шуда истодааст.

Зеро қайд кардан лозим аст, ки унвонҷӯ дар таҳқиқот диққати асосӣ ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методӣ, арзёбии маълумоти омориву илмӣ метавонанд аз ҷониби ниҳодҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва дар фаъолияти шуъбаҳои таҳлилии вазорату идораҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шаванд.

Аз таҳлилҳои муаллиф натиҷа баровардан мумкин аст, ки ҳадафи таҳқиқоти мазкур дар таҳлили амиқи асосҳои назариявии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ ифода ёфта, ба таҳияи пешниҳодҳои асоснок ва тавсияҳои амалие равона шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии низоми ҷалби сармоягузорӣ дар иқтисоди миллии кишвар мусоидат менамоянд. Зеро, тамоми имкониятҳо барои қонеъ гардонидани муаммои танзими сармоягузорӣ, ошкор намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва механизми татбиқи маблағгузории равандҳои сармоягузорӣ дар шароити бозор ва инчунин, муайян намудани самтҳои ҳавасмандгардонии давлатии маблағгузории фаъолияти сармоягузорӣ равона карда шуданд.

Бо назардошти ин тахлилхои гузаронида шуда ва ба итмом расонидани рисолаи номзадии Сафаров Илхом, новобаста аз мавҷуд будани арзиши баландӣ илмӣ, дар диссертатсия чунин норасоиҳо мушохида гардид:

1. Дар автореферат таҳлилҳои корхонаҳо аз ду се шаҳру ноҳияҳо низ нишон дода мешуд, он гоҳ баҳогузории таъсири омилҳои дохилӣ аниқтар мегардид.

2. Дар таҳқиқоти илмӣ ба омӯзиш, таҳлил ва истифодаи самараноки таҷрибаи хориҷии вобаста ба сармоягузорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир шудааст. Аммо, мушаххас истифодаи таҷрибаи мувофиқ ба хусусиятҳои миллӣ нишон дода нашудааст.

Норасоиҳои мушоҳида гардида, дар маҷмӯъ сатҳи баланди илмии диссертатсияро паст намекунанд. Маводҳои илмии нашршуда ва автореферати тахия гардида, шаҳодат медиҳанд, ки мавзӯи таҳқиқоти хуб таҳқиқ гардида, диссертатсияро кори ба итмомрасида шуморидан мумкин

аст. Ҳамаи инҳо ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Сафаров Илҳом Нурмаҳматович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.17 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарриз**
**д.и.и., профессор мудири кафедраи**
**баҳисобгирии бухгалтерӣ ДДҲБСТ** **Дадоматов Д.Н.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,кӯчаи Хебитат, хонаи 5, Телефон: (+992) 92856 6665, E-mail: dalerdn@mail.ru

"______" _________________________ соли 2026

Имзои д.и.и., профессор Дадоматов Далерҷон Нишонбоевич-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва**
**сиёсати Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент** **Бобоев А.Х.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, мкр-н 17, хонаи 1, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. Телефон: (+992) 3422 23811, www.tsulbp.tj, E-mail: tsulbp@rambler.ru

"______" _________________________ соли 2026